***ТДУ 83,3(2 Т)***
***ТКБ 8 Т1***

**ЭҶОДИЁТИ УСТОД РАҲИМ ҶАЛИЛ АЗ ДИДИ АДИБОН ВА ОЛИМОН**

***Файзуллоев Неъматҷон,*** *д.и.ф., профессор;*
***Абдувоҳидова Таҳмина Неъматҷоновна,*** *унҷонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, ш.Хуҷанд)*

**ТВОРЧЕСТВО РАХИМА ДЖАЛИЛЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПИСАТЕЛЕЙ И УЧЕНЫХ**

***Файзуллоев Неъматджон,*** *д.ф.н., профессор;*
***Абдувохидова Тахмина Негмаджоновна,*** *соискатель кафедры современной таджикской литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

**RAKHIM JALIL'S CREATIVITY UNDER THE WRITERS` AND SCIENTISTS` ANGLE**

***Fayzulloev Ne'matjon,*** *Dr. of Philology, Professor;*
***Abduvohidova Tahmina Negmatjonovana,*** *claimant for candidate degree of the department of modern Tajik literature under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Раҳим Ҷалил, нависанда, асарҳо, очерк, ҳикоя, роман, қиссаи ҳуҷҷатӣ, адабиётшинос, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, забон ва услуб, таҳлилу тадқиқ, эҷодиёт*

*Дар мақола кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки дар асоси фикру мулоҳизоти аҳли илму адаб падидаҳои истеъдоди фитрии эҷодии эҷодиёти рангину пурмояи Нависандаи халқии Тоҷикистон, устод Раҳим Ҷалил ва хусусиятҳои умдаи ғоявию бадеӣ ва услубии асарҳои ӯ амиқ бозгӯй гардад. Қайд мешавад, ки нависанда дар ташаккул ва инкишофи насри реалистии тоҷик дар асри ХХ нақши барозанда гузоштааст, ки ин хидмати суханвари маҳбуб, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, мавриди назари адибону олимон гардидааст. Дар мақола, бахусус, рисолаҳои илмии академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, академик Хуршеда Отахонова, профессорон Лариса Демидчик, Атахон Сайфуллоев ва Раззоқ Ғаффоров нисбатан батафсил таҳлил шуда, муаллифон оид ба ташаккули сабки эҷодии нависанда, масоили забон ва услуб дар асарҳои адиб, робитаи таркибии эҷодиёти мавсуф бо осори лафзии халқ, маҳорати воқеанигорӣ, қиссапардозӣ, образофаринии Раҳим Ҷалил ва аз боби мақоми хосаи ӯ дар насри тоҷикии садаи гузашта андешаронӣ кардаанд.*

***Ключевые слова:*** *Рахим Джалиль, писатель, произведения, литературный критик, идеологические и художественные особенности, язык и стиль, анализ, исследование, творчество*

*В статье,с опорой на взгляды литературоведов и писателей, предпринята попытка раскрыть яркое и насыщенное творчество народного писателя Таджикистана Рахима Джалиля, а также основные идеологические, художественные и стилистические особенности его произведений. Отмечается, что творчество писателя сыграло значительную роль в становлении и развитии таджикской реалистической прозы XX века, и эта заслуга писателя, прежде всего, которая и привлекла внимание писателей и ученых. В частности, в статье подробно анализируются научные диссертации академика Мухаммаджона Шакури, академика Хуршеды Отахоновой, профессоров Ларисы Демидчик, Атахона Сайфуллоева и Раззока Гаффорова. Авторы, основываясь на взглядах ученых и писателей, размышляют о формировании творческого стиля, языка произведений писателя, структурной связи его творчества с фольклором, искусстве реализма и повествования, образотворчестве Рахима Джалиля и его особом месте в таджикской прозе прошлого столетия.*

***Key words:*** *Rahim Jalil, writer, works, literary critic, ideological and artistic characteristics, language and style, analysis, research, creativity*

*Designing on the premise views of literary critics and writers the authors of the article make an endeavor to reveal the bright and rich work of the People`s Writer of Tajikistan - Rahim Jalil; the main ideological, artistic and stylistic peculiarities of his creations being taken into account as well. It is underscored that the writer`s creations play a significant role into formation and development of Tajik realistic prose referring to the XX-th century, and this merit of the writer, first of all, which attracted writers` and scientists` attention. In particular, the article analyzes scientific dissertations of academician Muhammadjon Shakuri, academician Khursheda Otakhonova, professors Larisa Demidchik, Atakhon*

*Sayfulloev and Razzok Gafforov comprehensively. Proceeding from views of scientists and writers the authors of the article assert formation of the creative style, language of the writer`s creations, structural connection of his work with folklore, art of realism and storytelling, Rakhim Jalil`s creative work and his special place in Tajik prose of the last century.*

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ устод Раҳим Ҷалил бо эҷодиёти рангину пурмояи хеш дар таърихи адабиёти навини тоҷик нақши носутурдание гузоштааст. Бахусус насри реалистии солҳои 30-80 садаи XX-ро бидуни осори хосаи адабии ӯ ба таври комил наметавон тасаввур кард. Ин нависандаи хушбину пуркор ва хушгӯю зарофатбаён ибтидои солҳои 30 ба майдони адабиёт омада, дар зарфи беш аз 50 соли фаъолияти бобаракати хеш дар жанрҳои мухталифи адабӣ асарҳои хубу марғуб таълиф намуд ва дар таърихи адабиёти асри гузашта мероси гаронбаҳое ба ёдгор гузошт.

Эҷодиёти ин суханвари варзида ҳанӯз аз нахустин падидаҳояш мавриди назару эътибори адибону донишмандон қарор гирифта буд. Ба аввалин асарҳои эшон, пеш аз ҳама, поягузорони адабиёти навини тоҷик, устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ҳамчунин адибони ҳамдаври ӯ Мирзо Турсунзода, Ҳаким Карим, Муҳиддин Аминзода, Ҷалол Икромӣ ва дигарон бо чашми хайр нигариста, истеъдод ва ҳунари нигорандагии ин қаламкаши ҷавонро эътироф ва дилашро ба кори эҷодӣ гарм намуда буданд. Шояд ҳамин дуову ҳидояти пирони адабиёт буд, ки Раҳим Ҷалил солҳои минбаъда ба таълифи осори бадеӣ бо дасту дили гарм ва шавқу рағбати тамом шуғл варзид ва шеъру достонҳо, қиссаву ҳикояҳо ва песаву романҳои пурмазмуну шавқовар офарид, ки маҷмӯаҳои манзуму мансури «Мавҷҳои музаффарият» (1933), «Шеърҳо ва ҳикояҳо» (1939), «Ҳисса ва қисса» (1941), «Ҳикояҳои замони ҷанг» (1944), «Умри дубора» (1949), «Баҳор» (1950), «Ҳикояҳо» (1954, 1958), «Ҳамида» (1961), «Шикасти тилисмот» (1964), «Илҳом» (1973), «Духтари мармарин» (1975), «Баъди борон» (1978), «Табиби ман» (1981), асарҳои саҳнавии «Санавбар» (1939), «Зани 69-ум» (1940), «Ду вохӯрӣ» (1943), «Субҳи саҳро» (1962), «Дили шоир» (1963), «Бозгашт» (1976), романҳои «Одамони ҷовид» (1940, 1949), «Шӯроб» (1959, 1965), қиссаи ҳуҷҷатии «Маъвои дил» (1970) ва ғайра далели ин фикранд. Ағлаби ин осор аз лиҳози забону услуб, сохту таркиб, бадеияти сухан, маҳорати образофаринӣ ва сабки хосаи воқеанигориву қиссапардозӣ ба қобилияти нодири эҷодии муаллиф ишорат мекунанд.

Хусусияти умдаи эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти доманадори адабии ӯ дар асару мақола ва маърӯзаву гузоришоти олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ, амсоли академик Р.Амонов, В.Асрорӣ, Х.Асозода, И.С.Брагинский, Г.И.Ломидзе, З.Г.Османова, Л.Н.Демидчик, С.Табаров, Р.Ғаффоров, Х.Шарифов ва дигарон гоҳо махсус ва дар баъзе мавридҳо вобаста ба ин ё он масоили адабӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, аммо нахустин асари нисбатан калонҳаҷми илмиву оммавӣ роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти нависанда «Раҳим Ҷалил» [10] ном очерки донишмандони номвари тоҷик, академик Муҳаммадҷон Шукуров (Шакурӣ) ва профессор Атахон Сайфуллоев мебошад, ки соли 1959 ба муносибати 50-солагии зодрӯзи адиб интишор ёфта буд. Дар ин асар осори назмиву насрии давраи аввали фаъолияти адабии Раҳим Ҷалил, ки солҳои 30-50-и асри гузаштаро фаро мегирад, батафсил таҳлилу тадқиқ шуда, дар иртибот ба он тадриҷан ташаккул ёфтани назари бадеиву ҳунарии нигорандагии муаллиф ва дигар хусусиятҳои жанриву услубии эҷодиёти ӯ ба таври возеҳ бозгӯй гардидааст. Аз ин рисола хонанда равшан пай мебарад, ки Раҳим Ҷалил дар ҷараёни адабии ин давр, чун муаллифи романи машҳури «Одамони ҷовид» ва бахусус, ҳамчун ҳикоянависи моҳиру тавоно, ҳамчун устоди беназири ин жанрҳои бадеӣ мақоми шоиста доштааст.

Бояд гуфт, ки устод Раҳим Ҷалил аз ибтидои солҳои 60-и садаи XX ба давраи дувуми фаъолияти адабӣ ворид гардида, ба сӯи балоғат ва камолоти эҷодӣ ҷиддан роҳ гирифт ва дар ин ҷода устуворона гом ниҳод. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки эҷодиёти рангин ва бобаракату доманадори ӯ торафт бештар мавриди назари муҳаққиқину ихлосмандони адабиёт қарор гирифта, мӯҷиби ба миён омадани силсилаи мақолаҳо ва як идда тадқиқоти алоҳида гардид. Ба ин маънӣ, асари монографии академик Хуршеда Отахонова «Раҳим Ҷалил ва эҷодиёти ӯ» [3], ки соли 1962 интишор ёфтааст, аз ҷумлаи аввалин тадқиқоти нисбатан мукаммал роҷеъ ба осори бадеии ин суханвар ба шумор меояд. Муаллиф бо гузашти солҳо ҷиҳати омодагӣ ба ҷашни 70-солагии Раҳим Ҷалил дар болои ин асар аз нав кор карда, онро хеле таҳриру такмил дода, бо ихтисороту иловаҳо ва таҳти унвони «Аз рӯи меҳр меҳр» [4] муҷаддадан нашр намуд.

Муҳаққиқ дар оғози рисола ба роҳи эҷодии нависанда иҷмолан назар андохта, барҳақ таъкид намудааст, ки Раҳим Ҷалил беш аз ним асри умрашро дар майдони адабиёти тоҷик гузаронида, ба манфиати рӯзгори иҷтимоӣ ва ҳаёти маънавии мардуми мо пайваста хидмат намуд ва дар

нашъунамои адабиёти миллии тоҷик ҳиссаи калон гузошт. Саҳми ӯ махсусан, дар рушду нумӯи маъмултарин жанри адабиёти бадеӣ – ҳикоя ва алалхусус ҳикояи ҳаҷвӣ хеле назаррас аст. Чунонки аз боби «Хандаҳои обдор»-и асари мазкур бармеояд, мавзӯъ ва мундариҷаи ҳикояҳои нависанда бо муҳимтарин муаммоҳои иҷтимоии ҳаёти навин робитаи қавӣ дорад, зеро дар ин қабил асарҳо муаллиф ҳамаи он чизе, ки ба пешравии зиндагии кунунӣ монеъ мешавад, беибо ба зери тозиёнаи танқид гирифта, аз рушди бемайлони сохти ҷадиди иҷтимоӣ ҷонибдорӣ ба амал овардааст.

Дар ин рисола, махсусан, асарҳои калонҳаҷми Раҳим Ҷалил, аз қабили «Одамони ҷовид», «Шӯроб» ва «Маъвои дил» батафсил таҳлилу тадқиқ шуда, нақши ин таълифот дар инкишофи насри солҳои 40-70-и адабиёти навини тоҷик саҳеҳ нишон дода шудааст. Хуршеда Отахонова дар бобати романи «Одамони ҷовид»-и нависанда нигоштааст, ки агар хонандагон ба бисёр воқеаҳои муҳими таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ дар Бухорою Самарқанд ва кӯҳистони тоҷик, пеш аз ҳама, ба воситаи асарҳои устод Айнӣ ва Ҷалол Икромӣ ошно шуда бошанд, пас «Одамони ҷовид» дар насри шӯравии тоҷик аввалин асарест, ки барқарор гардидани ҳаёти навро дар шимоли Тоҷикистон, мубориза ва фидокориҳои мардуми онро барои озодӣ ва хушбахтии худ ба таври васеъ акс кардааст. Бино ба андешаи адабиётшинос ин асар ҳам дар эҷодиёти нависанда ва ҳам дар таърихи адабиёти навини тоҷик мавқеи намоёнро ишғол мекунад, зеро дар он сеҳри сухангустарии муаллиф бо тамоми тобишҳояш равшан ба зуҳур омадааст.

Аз нигоҳи ин муҳаққиқ яке аз хусусиятҳои барҷастаи «Одамони ҷовид» ба забони халқ наздик будани он аст: «Боигарии забони Раҳим Ҷалил, пеш аз ҳама, аз ҳисоби забони халқ ба амал омадааст. Раҳим Ҷалил доимо ба хирмани забони халқ рӯ меоварад ва аз он истифода мебарад, хӯшаҳои сара ва сердонаи онро на фақат дар забони персонажҳо, балки дар забони худаш ҳам ба таври васеъ истеъмол мекунад. Аз ин ҷиҳат «Одамони ҷовид»-ро ба ганҷинае шабоҳат додан мумкин аст, ки дар он дурдонаҳои забони халқ бо ҳунар ва диққати тамом гирд оварда шудааст. Бисёр калима, ибора, ташбеҳ, истиора, мақол ва зарбулмасалҳое, ки дар забони халқ маъмуланд, ба тавассути асарҳои Раҳим Ҷалил ба забони адабии имрӯзаи тоҷик гузаштаанд» [4, с.65].

Воқеан, ҳанӯз солҳои шастуми асри гузашта доир ба хусусиятҳои забонӣ ва услубии нависанда асари махсусе таҳти унвони «Забон ва услуби Раҳим Ҷалил» [2] нашр гардида буд, ки ба қалами забоншиноси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Раззоқ Ғаффоров тааллуқ дорад. Ба гумони мо ин монография яке аз беҳтарин тадқиқот роҷеъ ба эҷодиёти Раҳим Ҷалил ба шумор меояд, зеро дар он муаллиф маҳорат ва истеъдоди нодири суханварии нависандаро дар истифодаи барҷову эҷодкоронаи таркиби луғавии забон ва хоса забони халқии гуфтугӯӣ бо анбӯҳи бузурги мисолҳои қотеъ равшан нишон дода, ӯро чун беҳтарин донандаи нозукиҳои забони тоҷикӣ ва осори лафзии мардумӣ муаррифӣ кардааст.

Асари мазкур дар асоси маводи адабии романи «Одамони ҷовид» таълиф шуда, асосан, аз чор фасл фароҳам омадааст ва дар ҳар яке аз ин фаслҳо хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ, синтаксисӣ ва бадеии ин роман ба тариқи масоили алоҳида мавриди пажӯҳиши муфассали илмӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин асари нависанда ҳалли амалии ин қазияҳои мубрами илми забоншиносиро ба мушоҳида гирифта, кулли маводи романро маҳз аз ҳамин дидгоҳ тасниф кардааст ва мувофиқату мутобиқати онро ба қоидаҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ кашф намуда, бад-ин минвол ҳусну таровати хосаи забони Раҳим Ҷалил ва услуби фардии эҷодии ӯро муайян сохтааст.

Раззоқ Ғаффоров дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи махсусиятҳои услубии романи «Одамони ҷовид» ба чунин хулосаи саҳеҳу мӯътамад омадааст: «Раҳим Ҷалил дар кор фармудани сарвати забони халқ тамоили пешқадами торафт ба асоси худ – забони зинда наздик шуда истодани забони адабии тоҷикро ба назар гирифта, кори дар ин соҳа саркардаи Садриддин Айниро бо камоли маҳорат давом додааст. Калимаҳои сершумори халқӣ, ибораҳои зиёди фразеологӣ, мақолу зарбулмасалҳо ва шаклу тарзҳои хоси забони халқ, ки як қисмашон бо тавассути асарҳои Раҳим Ҷалил хусусияти умумӣ пайдо кардаанд, ба тарзи баёни нависанда обу ранги тоза ва таровату нафосати дилкаш бахшида, халқияти забони асарро хеле боло бардоштаанд» [2, с.216].

Бояд гуфт, ки ба ин асари забоншиноси номӣ муҳаррири он Носирҷон Маъсумӣ низ баҳои воқеӣ дода, саҳми муаллифро дар ҷилои мухтасоти забониву услубии роман ва нишон додани нақши Раҳим Ҷалил дар рушду такомули забони тоҷикӣ таъкид сохтааст: «Муаллиф дар асоси таҳлили ҳаматарафаи воситаҳои лексикӣ, фразеологӣ, грамматикӣ ва тасвири бадеии роман…

на фақат маҳорати адабӣ ва услуби фардии нависандаро муайян кардааст, балки хидмати ӯро дар инкишофи забони адабӣ, тараққиёти забон ва услуби насри советии тоҷик низ хеле барҷаста нишон додааст» [2, с.6].

Эҷодиёти устод Раҳим Ҷалил дар асари дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» ва хоса дар тадқиқоти академикии шашҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик» мавриди арзёбии муфассали илмӣ қарор гирифта, нақши эшон дар рушду такомули жанрҳои мухталифи насрӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти садаи XX таъйин шудааст. Чунончи, муаллифи ҷилди дувуми ин асари ҷомеъ профессор Лариса Николаевна Демидчик ҳини таҳқиқи насри солҳои сивум ба хулосае омадааст, ки дар пайдоишу ташаккули жанрҳои новелла, очерку ҳикоя ва романи адабиёти навини тоҷик саҳми устод Раҳим Ҷалил хеле назаррас аст.

Бояд гуфт, ки дар асари мазкур насри индавринаи нависанда хеле батафсил тадқиқ шуда, маҳорати эҷодии адиб дар боби сужетсозӣ, чеҳранигорӣ ва образофаринӣ дар заминаи далелу бурҳонҳои қавии адабӣ нишон дода шудааст. Як ҷиҳати ҷолиби диққати ин тадқиқоти академикӣ дар он аст, ки ҳикоя ва новеллаҳои Раҳим Ҷалил дар муқоиса бо осори ҳамгуни Ҳаким Карим, Баҳриддин Азизӣ, Ҷалол Икромӣ ва бо назардошти сатҳи бадеии насри солҳои сивум мавриди омӯзиш қарор гирифта, адабиётшинос тавассути радду бадали илмии маводи мухталифи адабии як зумра аз нависандагон махсусияти жанриву услубӣ, ғоявию бадеӣ ва тобишҳои психологии офаридаҳои Раҳим Ҷалилро саҳеҳ муайян кардааст.

Л.Н.Демидчик аз таҳлили муқоисавии ин қабил осори нависанда асосҳои халқӣ ва дигар сифатҳои умдаи онро равшан пай бурда, чунин таъкид сохтааст: «Дар сохти сужетии ҳикояҳои Раҳим Ҷалил такя бар анъанаи ҳикоя ва латифаҳои халқӣ ҳис мешавад. Мӯъҷазии шакл, ғайриинтизорӣ ва хандаоварии мусодамаи рӯйдодҳо, кушодашавии ҳайратангези гиреҳи мавзӯъ, соддагии ифодаи тарзҳои услубӣ ва образӣ бо сужети конкрети реалистие, ки дар асоси материали воқеияти зинда ва замонӣ сохта шудааст, узван мувофиқат пайдо мекунанд» [6, с.206].

Ба мушоҳидаи муҳаққиқ дар ин навъ офаридаҳои Раҳим Ҷалил «ҷиҳати қувватноки қобилияти қаламии вай-мушоҳидакории тезбинона, рафтори бераҳмона нисбат ба ҷиҳатҳои заифи табиати инсонӣ, ба ҳадаф расонидани тир ва хушобии таҳрир, ки аз забони зиндаи халқӣ сарчашма мегирад» [6, с.193], равшан ба зуҳур омадааст.

Адабиётшиноси маъруф дар фасли махсуси ин асар ягона романи солҳои сивум эҷодкардаи Раҳим Ҷалил «Гулрӯ»-ро аз лиҳози мавзӯву мундариҷа, банду баст, забону услуб, бадеият ва маҳорати нигорандагӣ дар қиёс бо осори индавраинаи Ҷалол Икромӣ таҳлил намуда, нақши ин ду нависандаи номиро дар таърихи романнигории тоҷик гӯшзад сохтааст: «Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил хусусиятҳои романнависии Айниро устувор карда, шакли асосии романи тоҷик – романи боамалиётро, ки дар он шиддати фабула бо драматизми воқеоти мӯҳташами иҷтимоӣ ва қисмати одамон, бо тасвири ҳарҷонибаи муҳити иҷтимоӣ ва маишат омехта мегардад, инкишоф додаанд. Ин шакли роман дар намуди соф зоҳир нашуда, балки муҳимтарин сифатҳои анвои романи реалистӣ – романи иҷтимоӣ, оилавию маишӣ, романи тасвири ахлоқ ва инчунин романи таърихиро якҷоя дарбар мегирад» [6, с.255].

Эҷодиёти устод Раҳим Ҷалил дар ҷилди чоруми «Таърихи адабиёти советии тоҷик», ки таҳқиқи насри солҳои 1945-1974-ро фаро гирифтааст, мавқеи намоён дорад. Муаллифи ин ҷилд академик М.Шукуров фаъолияти адабии нависандаро дар ин давра, ки аз пурмаҳсултарин даврони эҷодии ӯст, батаанӣ аз назар гузаронида, торафт сайқалу такомул ёфтани маҳорати адабӣ ва вусъат гирифтани доираи тафаккуру ҷаҳонбинии адибро дар зимни таҳлили як идда асарҳои тӯли ин солҳо эҷод гардида равшан нишон додааст. Ин муҳаққиқ низ бар он аст, ки дар ташаккулу таҳаввули жанрҳои хурди адабӣ, амсоли ҳикоя, новелла, очерку публитсистика ва хоса ҳикояҳои ҳаҷвӣ устод Раҳим Ҷалил бо табъи зарифи худодод ва лаёқати нодири нигорандагиаш хидмати арзандае ба ҷо овардааст. Як фазилати ҷолиби эшон дар ин ҷода ин аст, ки дар кулли осори ӯ «истеъдоди ҳаҷвгӯии нависанда бештар ба яке аз шаклҳои халқии мутоиба – ба шакли азкия ба зуҳур пайвастааст» [7, с.265].

Бояд гуфт, ки дар ҷилди мазкур ба таҳлили романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил фасли махсус бахшида шудааст. Муаллиф ин асарҳои нависандаро дар иртибот бо масоили назарии жанри таърихӣ ва мавзӯи инқилобӣ мавриди омӯзиш қарор дода, мухтассоти жанриву услубӣ ва дигар падидаҳои сохториву бадеии онро муайян кардааст ва бад-ин минвол нақши эшонро дар рушду такомули романи таърихи адабиёти навини тоҷик бозгӯ намудааст. Дар ин фасл, бахусус, романи сеқисмаи «Шӯроб» аз нигоҳи мавзӯъ, ғоя, забон, образ ва сохту

таркиб хеле батафсил таҳлил шуда, муаллиф дастовардҳои эҷодии адиб ва камбудиву норасоиҳои ин асари ӯро мӯ ба мӯ нишон додааст. Ба мушоҳидаи адабиётшинос «дар романи «Шӯроб» пеш аз ҳама ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки тасвири ҳаёт хеле вусъат пайдо кардааст» [7, с.268] ва дар ин асар нависанда ба тасвири инсон дигар хел наздик шуда, «моҳияти воқеаҳои бузурги таърихиро ба воситаи тақдири хусусии шахсони алоҳида» [7, с. 268] ба андешаву мулоҳиза гирифтааст.

Аз ин рӯ, муҳимтарин бозёфти адабии нависанда дар офариниши образҳои мӯҳташаму хотирмон ба зуҳур омадааст, ки барҷастатарин намунаи он образи Холи ворухист. Устод Шакурӣ ба таҳлили ин образ эътибори махсус зоҳир намуда, инъикоси роҳи ҳаётии ӯро дар ҳар се қисми роман ҷиддан ба муоина гирифтааст ва дар симову шахсияти ин «насиҳатгари донишманди шӯробиён» [7,с. 273] асосҳои халқии характер ва оҳанги баланди дидактикиро пай бурда, ҷилваи бадеии табиати наҷиби инсонӣ ва қувваи фавқуллодаи ҷисмонии ӯро бурди эҷодии муаллиф донистааст. Ба пиндошти муҳаққиқ иқтидори тасвиротии нависанда дар мавриди офариниши ин қаҳрамони марказӣ ба он сатҳест, ки Холи ворухӣ – ин марди қавлу амал, марди қавипайкару матинирода ва подшоҳи касби хеш бо дили нарму ҳассос ва нигоҳи гарму хушбин, бо феълу хӯи нек ва рафтору аъмоли писандида, бо хуштабъию хушмуомилагӣ ва зарофатгӯӣ – хуллас бо он ҳама «хислатҳои олии инсониаш» [7, с. 272] воқеан ба дараҷаи образи бадеӣ расидааст.

Адабиётшиноси номӣ ба охирин асари калонҳаҷми Раҳим Ҷалил – очерки ёддоштии «Маъвои дил», ки муаллиф онро дар поёни умр ба анҷом расонида, як навъ таърихи бадеии зодгоҳи худ – шаҳри бостонии Хуҷандро ба вуҷуд овардааст, баҳои мусбат дода, онро дар роҳи инкишофи жанри очерки адабиёти тоҷик иқдоми шоиста донистааст: «Қимати «Маъвои дил» дар ин аст, ки Раҳим Ҷалил тадқиқи публисистиро хеле вусъат дода ва амиқ бурда, аз он дар роҳи тасвири панорамии манзараҳои доманадори воқеият ва образҳои барҷаста имконоти тозае ба даст овард. «Маъвои дил» чашмандози очеркро хеле васеъ кард, дар роҳи тасвири муфассал ва яклухти ҷиҳатҳои гуногуни зиндагии пурвусъат қадами муҳиме пеш гузоштани очеркро нишон дод» [7, с. 47].

Рисолаи пурарзиши профессор Худойназар Асозода "Симои коргар" [1] ба қазияи инъикоси симои коргарон дар асарҳои Раҳим Ҷалил, хоса дар романи "Шӯроб" бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили батафсили як идда образҳои ин асари таърихӣ маҳорат ва истеъдоди хосаи нависандаро дар мавриди офариниши образҳои мӯҳташами синфи коргари тоҷик равшан бозгӯи намудааст.

Устод Раҳим Ҷалил, алалхусус, миёни ҳамдиёрони хеш маҳбубияти тамом дошт ва ба маънои томи сухан мояи ифтихори Хуҷанду хуҷандиён буд. Аз ин хотир, омӯзиш ва ташвиқу тарғиби рӯзгор ва осори ӯ дар муассисаҳои илмию маърифатии маркази вилоят низ даҳсолаҳо инҷониб пайваста идома дорад. Интишор ёфтани ду маҷмӯаи мақолаҳои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд «Нависандаи маҳбуби мо» (1969) ва «Нависандаи маҳбуби халқ» (1979), маҷмӯаи Ҷамъияти китобдӯстони вилоят «Адиби халқ» (1984), маҷмӯаи мақолаву ёддоштҳои Шӯъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Хуршедсавор» (1994), рисолаи адабиётшинос Раҳим Тошматов «Раҳим Ҷалил ва адибони тоҷик» (1994) ва даҳҳо мақолаву очерку ёддоштномаҳо, ки дар китобҳои уламову удабои вилоят ва саҳафоти матбуоти давр ба табъ расидаанд, далели равшани ихлосу эътиқоди аҳли завқи диёр ба осор ва шахсияти Раҳим Ҷалил маҳсуб мегардад.

Дар ин таълифот масоили мухталифи эҷодиёти рангину доманадори нависанда, саҳми эшон дар таъсиси доираи адабии Хуҷанд ва таълиму тарбияи адибони ҷавон, ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабии давр ва умуман таърихи адабиёти садаи XX мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтааст. Муаллифони он – академик Зариф Раҷабов, профессорон Ғафур Ҳайдаров, Атахон Сайфуллоев, Саъдулло Асадуллоев, Ҳамдам Очилов, Фарҳод Зикриёев, Абдусаттор Абдуқодиров, дотсентон Юсуфҷон Салимов, Аҳмадҷон Усмонов, Раҳим Тошматов, Абдураззоқ Ваҳҳобов, Абдухолиқ Набиев ва дигарон симои эҷодии устод Раҳим Ҷалилро ҳамчун беҳтарин донандаи забони халқ ва урфу одати мардум, муаррих ва кишваршиноси закӣ, ҳамчун шоири нозукхаёл, драматурги болаёқат ва насрнависи камназир равшан падид оварда, дар боби зуҳури ҳунару истеъдоди фитрии ӯ дар ҷодаи қиссапардозӣ, сужетсозӣ, муколамабофӣ, образофаринӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, ҳаҷвнигорӣ ва ғайра андешаву мушоҳидаҳои ҷолиб иброз доштаанд. Аксари муҳаққиқин дар таълифоти мазкур ҷилову тобиши халқии забони осори нависандаро ба сифати барҷастатарин падидаи услубии эҷодиёти ӯ маънидод кардаанд.

Дигар аз тадқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб рисолаи арзишманди «Ахтари тобони адабиёт» [5] мебошад, ки Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил соли 1999 ба ифтихори 90-солагии зодрӯзи нависанда аз чоп баровард. Муаллифи асосии ин асари ҷомеъ профессор Атахон Сайфуллоев, ки бо устод Раҳим Ҷалил солҳои тӯлонӣ ҳусни дӯстиву рафоқат дошт ва дар ҳамкории доимии илмиву адабӣ буд, ба шарҳу тафсили рӯзгору осори эшон бо самимияти тамом ва камоли хайрхоҳӣ муносибат карда, муҳимтарини падидаҳои ғоявию бадеӣ, услубӣ ва ҷанбаи ақлониву маърифатии эҷодиёти ӯро дар заминаи маводи фаровони адабӣ ва дар қиёсу муқобала бо осори бадеии адибони дигар ошкор сохтааст, саҳми шоистаи нависандаро дар рушду нумӯи жанрҳои мансури адабиёти навини тоҷик ба таври мӯътамад нишон додааст.

Муҳимтарин ҷиҳати пажӯҳишии рисолаи мазкур дар он аст, ки муаллиф ба таълифоти пешинаи худ оид ба Раҳим Ҷалил таҷдиди назар намуда, эҷодиёти эшон ва дигар масоили марбут ба фаъолияти ӯро аз дидгоҳи нав, аз нигоҳи ниёзҳои ғоявию эстетикии даврони истиқлолият мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Аз ин лиҳоз, махсусан таҳлили мунсифонаи асарҳои калидии нависанда – романҳои «Одамони ҷовид»-у «Шӯроб» ва қиссаи ҳуҷҷатии «Маъвои дил», ки ҳар кадом дар фаслҳои алоҳида ба ҷо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад. Муҳаққиқ ба баррасии осори мазкур аз рӯи арзишҳои замонӣ наздик шуда, дар сужету образҳо равшан инъикос ёфтани ҳофизаи таърихии халқ ва рӯҳи пуркудрати мардумро ба мушоҳида гирифтааст ва дар тафаккуру ҷаҳонбинии қаҳрамонони мусбат, дар рафтору кирдору пиндори онҳо хислатҳои наҷиби худогоҳиву хештаншиносӣ, нангу номуси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва ҳиссиёти баланди гуманистиву интернатсионалиро эҳсос карда, аз ин нуқтаи назар образҳои онҳоро таҳлил намудааст.

Дигар нуқтаи муҳими рисола он аст, ки муаллифон дар мазмуну мӯҳтавои асарҳои нависанда оҳангҳои замониро ҷустуҷӯ карда, пайванди рӯҳиву маънавии ин осорро бо ҳаёти имрӯзаи мардум таъкид сохтаанд: «Романи «Шӯроб» мисли дигар асарҳои Раҳим Ҷалил аз бисёр ҷиҳатҳо бо замони мо ҳамоҳанг аст. Дар давраи ҳозираи тараққиёти Тоҷикистон, эҳёи суннатҳои миллӣ, таҷдиди анъанаҳо ва арзишҳои маънавӣ аҳамияти калон касб мекунанд. Яке аз ҳамин гуна арзишҳои маънавӣ дӯстии халқҳо, ҳамкории бародарии намояндагони миллатҳои гуногун мебошад. Ваҳдати миллӣ, ки дар шароити кунунӣ яке аз асоситарин омилҳои эҳёи моддию маънавии Тоҷикистон мебошад, на танҳо аз ягонагии халқи тоҷик иборат аст, балки бародарии дигар халқҳои маскуни мамлакатро низ дар назар дорад. Бидуни ягонагию бародарии маънавию сиёсии ҳамаи халқҳои Тоҷикистон – тоҷикҳо, ӯзбекҳо, русҳо, қирғизҳо, туркманҳо, украинҳо ва дигарҳо ваҳдати миллӣ ба даст намеоя. Ин масъала дар романи Раҳим Ҷалил «Шӯроб» махсусан вусъат пайдо кардааст» [5, с. 273-274].

Профессор Атахон Сайфуллоев дар фаслҳои комилан тозаи ин китоб – «Устод Айнӣ ва Раҳим Ҷалил», «Устод Лоҳутӣ ва Раҳим Ҷалил» ва «Падари маънавии адибони ҷавон» аз боби он сабақҳое, ки нависанда аз мактаби адабии поягузорони адабиёти навини тоҷик гирифтааст, муфассал андешаронӣ намуда, муносибат ва ҳамкории тӯлонии адабии ин суханваронро бо завқи том ва ҳавсалаи тамом шарҳу эзоҳ додааст, аз таъсири судманди осор ва шахсияти устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ дар сабзиш ва камолоти эҷодии адиби ҷавон бо меҳр ёдовар шудааст. Агар дар ин ду фасли аввал ғолибан даврони ҷавонӣ ва шогирдии Раҳим Ҷалил мавриди арзёбӣ қарор гирифта бошад, пас фасли севум фаъолияти доманадору густардаи нависандаро ба ҳайси тарбиятгари тавонои аҳли илму адабу санъат фаро гирифтааст. Дар ин фасл симо ва шахсияти Раҳим Ҷалил ҳамчун суханвари мумтоз ва устоди баркамоли наср, ҳамчун раиси бебадали Шӯъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ҳамчуни созмондеҳи яккатози доираи адабии Хуҷанд ва чун адиби рӯзгордидаву таҷрибаандӯхта ва мураббии мудаббир ва ғамхору сахтгири ҷумла адибони ҷавони вилоят равшан падид омадааст.

Соли 2009 ба ифтихори ҷашни 100-солагии устод Раҳим Ҷалил китоби мӯҳташаме таҳти унвони “Хотироти шогирдон ва пайвандон” (9) интишор ёфт, ки таълифоти беш аз 20 нафар адибону олимон, омӯзгорон, рӯзноманигорон ва фарзандону наберагони нависандаро фаро гирифтааст. Муаллифони мақолаҳои ин китоб Карим Абдулов, Ваҳҳоб Набиев, Холмурод Шарифов, Абдуҷалил Воситзода, Дадоҷон Раҷабӣ, Махкам Пӯлод, Мубинҷон Юсуфов, Равшан Замир, Зулфия Ҷалилова, Гулрӯ Ҷалилова ва дигарон дар бораи шахсият ва эҷодиёти эшон бо меҳру ихлос андеша ронда, симои комили адабӣ, инсонӣ ва сарварии ӯро зимни таҳлилу таҳқиқи асарҳои бадеии мавсуф ва шарҳу тафсири лаҳзаҳои ҷудогонаву ибратбахши рӯзгор ва пайкори устод равшану возеҳ бозгӯӣ кардаанд.

Ҳамин тавр, аз рӯҳу оҳанг ва мазмуну мӯҳтавои кулли асарҳои фавқуззикр метавон хулоса бардошт, ки устод Раҳим Ҷалил бо осори рангину шавқангез, сабку услуби хоси эҷодӣ ва фаъолияти пурмояи ҷамъиятиву маърифатӣ дар таърихи адабиёти асри мозӣ ва ҳаёти фарҳангии Хуҷанди бостонӣ нақши барозандае боқӣ гузоштааст. Эшон, пеш аз ҳама, фарзанди замони худ ва мӯътақиди ғояҳои он буд. Аслан дар осори бадеӣ муҳим он нест, ки муаллиф кадом ғояро ташвиқу тарғиб мекунад, балки муҳим он аст, ки ӯ ин ё он ғояро дар кадом сатҳу пояи бадеӣ ифода карда тавонистааст. Аз ин лиҳоз, Раҳим Ҷалил тавассути асарҳои сершумораш дар ташвиқу тарғиби ғояҳои ҳаётбахшу некбинонаи даврони хеш ҳунар ва истеъдоди фитрии нигарондагӣ ба зуҳур овардааст. Маҳз дар ҳамин аст, арзиши ғоявию эстетикии осори бадеии ӯ.

Дар фарҷом бояд гуфт, ки Раҳим Ҷалил ба маънои томи сухан нависандаи халқӣ буд. Маънои ҳаёти худ ва рисолати инсониву эҷодиашро дар хизмати мудаввом ба халқи хеш медонист. Ҳамеша бо халқ будан, мулоқот оростан ва ҳабиби дили эшон шуданро мароми зиндагӣ ва мояи ифтихори хеш дониста буд ва бо ин хислатҳои шоиста дар дилу дидаи мардум абадӣ маскан гузидааст.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Асозода, Х. Симои коргар/Х.Асозода.–Душанбе: Ирфон, 1983.–144 с.
2. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил/Р.Ғаффорова.–Душанбе: Дониш, 1966.–224 с.
3. Отахонова, Х. Раҳим Ҷалил ва эҷодиёти ӯ/Х.Отахонова.–Душанбе: Дониш, 1962.–138 с.
4. Отахонова, Х. Аз рӯи меҳр меҳр/Х.Отахонова.–Душанбе: Ирфон, 1979.–96 с.
5. Сайфуллоев,А.Ахтари тобони адабиёт/А.Сайфуллоев, М.Файзуллоева.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1999.–416 с.
6. Таърихи адабиёти советии тоҷик.Иборат аз шаш ҷилд.Ҷилди 2.–Душанбе:Дониш,1978.–310 с.
7. Таърихи адабиёти советии тоҷик.Иборат аз шаш ҷилд.Ҷилди 4.–Душанбе:Дониш,1980.–382 с.
8. Тошматов, Р. Раҳим Ҷалил ва адибони тоҷик/Р.Тошматов.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994.–58 с.
9. Хотироти шогирдон ва пайвандон.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2009. – 436 с.
10. Шукуров, М. Раҳим Ҷалил.Очерки мухтасари эҷодиёти нависанда /М.Шукуров, А.Сайфуллоев.– Сталинобод, 1959.–76 с.

## REFERENCES:

1. Asozoda, Kh. The worker`s Image / Kh. Asozoda. – Dushanbe: Cognition, 1983. – 144 p.
2. Gafforov, R. Rahim Jalil`s Language and Style/ R. Gafforov. –Dushanbe:Knowledge, 1966. – 224 p.
3. Otakhonova, Kh. Rahim Jalil and his Creativity/ Kh.Otakhonova.– Dushanbe: Knowledge, 1962. – 138 p.
4. Otakhonova, Kh. On the Basis of Love / Kh. Otakhonova. – Dushanbe: Cognition, 1979. – 96 p.
5. Saifulloev, A. Shining Stars of Literature / A. Saifulloev, M. Faizulloeva. – Khujand: Rahim Jalil State Publishing-House, 1999. – 416 p.
6. The History of Tajik Soviet literature. In 6 volumes. – V.2. – Dushanbe: Knowledge, 1978. – 310 p.
7. The History of Tajik Soviet Literature. In 6 volumes. – V. 4. – Dushanbe: Knowledge, 1980. – 382 p.
8. Toshmatov, R. Rahim Jalil and Tajik Writers / R. Toshmatov. – Khujand: State Publishing-House named after Rahim Jalil, 1994. – 58 p.
9. Memories of Students and Relatives. – Khujand: Rahim Jalil State Publishing-House, 2009. - 436 p.
10. Shukurov, M. Rahim Jalil. Brief Essay on the Writer`s Creations / M. Shukurov, A. Saifulloev. - Stalinabad, 1959. - 76 p.